**Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.КОА-004-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# Т а қ р и з

**ба автореферати кори диссертатсионии Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (менеҷмент)**

Рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори масоили афзалиятнок шомил аст. Соҳибкории хурду миёна дар кишвар ва рушди муосири он бо раванди фаъоли ташаккул ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ ҳамчун маҷмӯи мураккаби соҳаҳои марбутаи иқтисодиёт тавсиф меёбад. Дар соҳаи сайёҳии муосир мақоми махсусро индустрияи меҳмоннавозӣ ишғол менамояд.

Барои аксар кишварҳои ҷаҳон сайёҳӣ ҳамчун манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки бозори хизматрасонии меҳмонхонавӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ояндаи хуб дорад. Ташкил кардани воситаҳои нави ҷойгиркунии одамон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои мушаххас мусоидат мекунад.

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонавии мамлакат бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст, ки он на танҳо бо ҳолати тақозои сайёҳӣ, балки пеш аз ҳама бо номукаммал будани низоми идоракунии соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонавии мамлакат, инчунин ба ҳадди зарурӣ коркард нашудани равишҳои назариявӣ ва илмӣ-методӣ доир ба ташаккули стратегияи маҷмӯии инкишофи хоҷагиҳои меҳмонхонагӣ, мавҷуд набудани зерсохтори бозории инкишофёфтаи дастгирии низоми идоракунии соҳибкории хурду миёна дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмонхонагӣ алоқаманд мебошад. Саъю кӯшиши таҳқиқи маҷмуӣ ва муназзами фаъолияти маҷмааҳои меҳмонхонавӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои методиву амалӣ доир ба мукаммалсозии идоракунии соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф дар автореферати худ пурра дарҷ намудааст.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ тайёр карда шудааст, баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Ба фикри мо яке аз омилҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо - ин рушди минтақаҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, ки ин масъала дар автореферат нокифоя мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

2. Автореферат дорои хатогиҳои имлоӣ ва стилистикӣ мебошад.

Эродҳои қайдгардида хислати ҷузъӣ дошта, баҳои умумии мусбии корро тағйир намедиҳанд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои таҳқиқотро пурра дар бар гирифтааст.

Хулоса

Автореферати кори диссертатсионии Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Дотсенти кафедраи менеҷмент ва
соҳибкории Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Исломов Ғ.Ҳ.

Суроға: 734003, ш.Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 146,
☏-моб.: (+992) 935487744, E-mail: mtti2009@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Исломов Ғафур Ҳокимовичро тасдиқ менамоям:

Сардори шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХА ШОХТЕМУР
ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ